# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «30» майи соли 2015 № 362 ш. Душанбе

**Дар бораи Тартиби интиқоли партовҳои радиоактивӣ тавассути сарҳади давлатӣ ба хориҷа ва ба дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Тартиби интиқоли партовҳои радиоактивӣ тавассути сарҳади давлатӣ ба хориҷа ва ба дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

Бо Қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» майи соли 2015
№ 362 тасдиқ шудааст.

# ТАРТИБИ ИНТИҚОЛИ ПАРТОВҲОИ РАДИОАКТИВӢ ТАВАССУТИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ БА ХОРИҶА ВА БА ДОХИЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1.Тартиби мазкур қоидаҳои содирот ва воридоти партовҳои радиоактивиро аз/ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин транзити партовҳои радиоактивиро тавассути қаламрави он (минбаъд – интиқоли байнисарҳадии партовҳои радиоактивӣ) муқаррар менамояд.

2.Воридот, содирот ва транзити партовҳои радиоактивӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3.Содироти партовҳои радиоактивӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қаламрави давлате, ки ҷониби Конвенсияи муттаҳида оид ба муомилоти бехатар бо сӯзишвории истифодашудаи ядроӣ ва муомилоти бехатар бо партовҳои радиоактивӣ нест, манъ аст. Дар ҳолате, ки дар шартномашартнома оид ба интиқоли байнисарҳадии партовҳои радиоактивӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлате, ки тарафи Конвенсияи муттаҳида оид ба муомилоти бехатар бо сӯзишвории истифодашудаи ядроӣ ва муомилоти бехатар бо партовҳои радиоактивӣ нест, баста шудааст, чунин интиқол мутобиқи талаботи Конвенсияи мазкур амалӣ карда мешавад.

4.Барои иҷозат гирифтан ба ҳар як интиқоли байнисарҳадии партовҳои радиоактивӣ аризадиҳанда баъд аз муайян намудани категорияи партовҳои радиоактивӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи

таъмини бехатарии радиатсионӣ муроҷиат менамояд. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ дархости аризадиҳандаро бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабули қарор пешниҳод менамояд.

5.Номгӯи гузаргоҳҳои Сарҳадии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тавассути онҳо интиқоли байнисарҳадиипартовҳои радиоактивӣ иҷозат дода мешавад, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар мувофиқа бо Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷӣкистон муайян карда мешавад.

6.Соҳиби партовҳои радиоактивӣ оид ба Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид намудани тағйирот ба феҳристи партовҳои радиоактивӣ маълумот пешниҳод менамояд.

7.Дар ҳолати интиқоли байнисарҳадии ғайриқонунии партовҳои радиоактивӣ тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи амли содиркунандаи таҳти доираи ҳуқуқи давлати содиркунанда қарордошта, ё дар ҳолати чунин интиқол тавассути қаламрави давлати дигар аз ҷониби содиркунандае, ки таҳти доираи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта рӯй додааст, партовҳои радиоактивӣ ба давлате, ки онҳо аз қаламрави он бароварда шудаанд, баргардонида мешаванд.

8.Масъалаҳои баҳснок, ки ҳангоми амалӣ намудани Тартиби мазкур ба вуҷуд меоянд, тибқи қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

9.Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки муқаррароти Тартиби мазкурро вайрон мекунанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ кашида мешаванд.